آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

**29 майи соли 2024 Чоршанбе № 42 (15053)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ТАРТИБИ ҶУДО КАРДАНИ ҚАРЗИ ТАЪЛИМӢ БА ДОНИШҶЎЁН ВА ТАЛАБАҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА КАСБӢ АЗ ҲИСОБИ МАБЛАҒҲОИ БУҶА

Бо мақсади самаранок истифода бурдани маблағҳои Буҷаи давлатӣ, ки барои дастгирии молиявии донишҷўён ва талабаҳое, ки дар ташкилотҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ дар асоси шартномаи пулакӣ таҳсил мекунанд, ҷудо карда мешаванд:

1. Бо пешниҳоди Вазорати иқтисодиёт ва молия ва Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия дар бораи аз соли таҳсили 2024/2025 сар карда ҷорӣ кардани тартиби ҷудо намудани қарзҳои таълимӣ ба донишҷўён ва талабаҳои ташкилотҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ аз ҳисоби Фонди маблағгузории қарзҳои таълимии назди Вазорати иқтисодиёт ва молия (минбаъд – қарзи таълимӣ) розигӣ дода шавад, ки инҳоро пешбинӣ менамоянд:

а) ҷудо намудани қарзҳои таълимӣ барои таҳсил дар ташкилот-ҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ танҳо ба донишҷўён ва талабагони шакли таълимашон рўзона;

б) ҷудо намудани қарзи таълимӣ:

ба донишҷўёни курси якуми ташкилотҳои таҳсилоти олӣ ва талабагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ – ба андозаи ҳаҷми шартномаи пулакӣ;

донишҷўёни курсҳои дуюм ва болоии ташкилотҳои таълими олӣ – ба андозаи на зиёда аз 80 фоизи маблағи шартномаи пулакӣ дар ҳолате, ки агар нишондиҳандаи миёнаи азхудкунӣ аз рўи фанҳо аз «3» камтар бошад (ба истисноии фарзандони оилаҳое, ки ба Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» дохил шудаанд.

2. Муқаррар карда шавад, ки:

а) қарзи таълимӣ барои инҳо ҷудо карда мешавад:

ба донишҷўёни ташкилотҳои таълими олӣ – ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи донишҷўён дар низоми иттилоотии «Ҳисоби хидматрасониҳо ба донишҷўён дар асоси қарордод» (kontrakt.edu.uz) ва низоми иттилоотии «Идоракунии равандҳои таълими касбӣ»-и (HEMIS) Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия;

ба талабагони ташкилотҳои таълими касбӣ – ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи талаба дар низоми иттилоотии «Идоракунии равандҳои таълими касбӣ»-и (prof.edu.uz) Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия;

б) барои гирифтани қарзи таълимӣ ҳамгироии системаҳои иттилоотии ташкилотҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ, ки нармафзори худро доранд, бо системаҳои дахлдори иттилоотии Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия ё истифодаи онҳо ҳатмист.

3. Инҳоро таъмин намоянд:

а) Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия ба муҳлати то 1 июли соли 2024 – ташаккул додани шартномаи пулакии ҳамаи ташкилотҳои таълими олӣ ва касбӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ «kontrakt.edu» ва «prof.edu» .uz»;

б) Вазорати иқтисодиёт ва молия:

якҷо бо Вазорати технологияҳои рақамӣ, Бонки марказӣ то аввали соли таҳсили 2024/2025 – фароҳам овардани имконият барои додани ариза ҷиҳати гирифтани қарзи таълимӣ ба воситаи низоми иттилоотии «Қарзи таълимӣ»-и Вазорати иқтисодиёт ва молия (ta'lim-krediti.mf.uz) ва Портали ягонаи хидмати давлатии интерактивӣ;

ҳамгироии низоми иттилоотии «Қарзи таълимӣ» бо низомҳои иттилоотии дахлдори Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия.

4. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замима тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

5. Вазорати иқтисодиёт ва молия дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйироту иловаҳое, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклифҳо пешниҳод намояд.

6. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Ҷ. А. Кўчқоров гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*27 майи соли 2024.*

## САФАРИ ТАЪРИХИЕ, КИ БА МАНФИАТҲОИ ХАЛҚҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ ХИДМАТ МЕКУНАД

***Ҳамоиши сермаҳсули ўзбекистониву русиягӣ анҷом ёфт.***

Дар ҷараёни ташрифи давлатии Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев як қатор чорабиниҳои муштарак баргузор шуданд.

26 май сарони давлатҳо якҷо аз маҷмўи «Ўзбекистони Нав» боздид ба амал оварданд, дар он ҷо сарвари Русия ба пояи Муҷассамаи Истиқлолият гулчанбар гузошт.

27 май гуфтушунидҳои сатҳи олӣ дар доираи танг ва васеъ ба амал омаданд, дар ҷараёни онҳо Президентҳо тамоми ҷиҳатҳои масоили рўзмарраи рўзномаи дуҷонибаро баррасӣ карданд, маърўзаҳои аъзои ҳайатҳоро бинобар самтҳои асосӣ шуниданд, бобати мавзўъҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуданд.

Изҳороти муштараки сарони давлатҳо имзо шуд, мубодилаи ҳуҷҷатҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ сурат гирифт, ки ба манфиатҳои халқҳои ду кишвари дўст хидмат намуда, саҳифаи навӣ ҳамкориҳои мутақобиларо боз мекунад.

Владимир Путин ҳамроҳи Шавкат Мирзиёев аз Майдони Ғалаба боздид ба амал оварда, ба пояи ёдгории «Мадҳияи субот» гул гузошт, бо осорхонае, ки аз хусуси саҳми Ўзбекистон дар Ғалабаи Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳикоя мекунад, шинос гардид.

Худи ҳамон рўз таҳти сарварии Президентҳо ҷамъомади нахустини Шўрои минтақаҳои ду кишвар баргузор шуд, дар он афзалиятҳои таҳкими минбаъдаи мулоқоти байниминтақавӣ ва сарпур сохтани он бо муҳтавои нави амалӣ мушаххас карда шуданд.

Тавре, ки сарвари давлатамон қайд намуд, ин сафари Президенти Русия бидуни муболиға рўйдоди таърихист, ки марҳилаи навӣ ҳамкориҳои бисёрҷанбаи моро оғоз мекунад.

Баъди анҷоми чорабиниҳои ташриф Президент Шавкат Мирзиёев дар аэропорти Тошканд Президент Владимир Путинро гуселонид. Сарони давлатҳо бо якдигар гарму ҷўшон хайрухуш карданд.

**ЎзА.**



*Мувофиқи супориши роҳбари давлат Гурўҳи кории ҷумҳурӣ бо сарварии Қабулхонаи халқ дар маҳалҳо бобати бо кор таъмин сохтани занону духтарони ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд як қатор корҳои амалиро ба сомон мерасонад.*

*Бахусус дар доираи лоиҳаи «Аз муроҷиат ба даромад»-и Қабулхонаи халқ анқариб 400 нафар бонувони бекоре, ки дар ноҳияҳои Ҳазорасп, Шовот, Тупроққалъа ва Янгибозор истиқомат доранд, бо кор таъмин карда шуданд.*

***Сурати ЎзА.***

## АМАЛИЁТИ «МЕҲР» – УСУЛИ ЎЗБЕКИСТОНИИ БОЗГАРДОНИИ ЗАНОНУ КЎДАКОН АЗ МИНТАҚАҲОИ ЗИДДИЯТНОК

Дар Тошканд (14 майи соли равон) Ҷамъомади нахустини Шўрои коршиносии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои реабилитатсия ва реинтегратсияи бозгаштагон: ҳамкорӣ барои ҷаҳони бехатар баргузор шуд. Таклифи мазкур аз ҷониби Президенти Ўзбекистон Ш.Мирзиёев дар доираи «Дурнамои муштараки ҳаракат бинобар татбиқсозии Стратегияи ҷаҳонии зидди террористии СММ (ДМҲ), ки 3-4 марти соли 2022-юм созмон дода шуда буд, пешниҳод гардид. Ин чорабинӣ якҷо бо Ҳукумати Ҷумҳурии Ўзбекистон, Раёсати зиддитерроистии СММ, Маркази минтақавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба дипломатияи превентивӣ барои Осиёи Марказӣ, САҲА бо дастгирии Идораи стратегӣ ва тадқиқоти байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, як қатор вазоратҳо ташкил карда шуд.

Амалиёти «Меҳр», ки аз ҷониби Ҳукумати Ўзбекистон татбиқ мегардад, ба бозгардонии садҳо нафар занону кўдакон аз минтақаҳои зиддиятнок дар Сурия, Ироқ ва Афғонистон нигаронида шудааст.

Мақсади амалиёти мазкур таъмин сохтани ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии вай дар шароити мубориза бо терроризм ба шумор меравад.

Нотиқи махсуси СММ оид ба масъалаҳои рағбатноксозӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсону озодиҳои асосии ў дар шароити мубориза ба муқобили терроризм Финула Ни Илан ба муносибат бинобар бозгардонӣ, ки дар Ўзбекистон истифода мешавад, баҳои баланд дод. Ин муносибат ба равандҳои муттаҳид сохтани оилаҳо ва ҷомеа нигаронида шуда, ба сифати намунаи таҷрибаи пешқадам дар соҳаи бозгардонӣ пазируфта мешавад. Вай ба ҳифзи ҳам манфиати кўдак, ҳам таъмин сохтани реинтегратсияи мукаммали бонувоне, ки аз минтақаҳои зиддиятнок баргардонида мешаванд, эътибор медиҳад, инро бартарии соҳаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ меҳисобад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## НАТИҶАҲОИ ҲАМОИШИ ЎЗБЕКИСТОНИВУ РУСИЯГӢ БАЁНГАРИ ИБТИДОИ ДАВРОНИ НАВИ ҲАМКОРИИ ДУҶОНИБА ҲАСТАНД

***Натиҷаи вохўриҳои пурмазмун ва сермаҳсул, ки 26-27 май дар гуфтушунидҳои ўзбекистониву русиягӣ дар сатҳи олӣ ба амал омаданд, садоқати ду мамлакатро ба минбаъд вусъат додани ҳамкориҳои бисёрҷанба нишон дода, дар робитаҳои байнидавлатӣ боби навро боз намуданд.***

***Коршиносони байналмилалӣ таъкид мекунанд, ки ҳамоиши ўзбекистониву русиягӣ шаҳодати равшани ҷиҳати махсуси муносибатҳои дуҷониба гардид, ки амалан тамоми соҳа ва самтҳои ҳамкории тарафайнро фаро мегирад.***

**Директори иҷрогари маркази таҳлили малайзиягии «KingsleyStrategicInstitute» Макс Сей:**

– Ташриф аз таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи байни Ўзбекистон ва Русия, ки бо сатҳи олии эътимоду ҳусни тафоҳум тафриқа доранд, шаҳодат медиҳад.

Гуфтушунидҳои дараҷаи олии байни сарони ду давлат, ки ба баррасии масъалаҳои зиёд кардани ҳаҷми савдо, мустаҳкам намудани шарикии стратегӣ ва татбиқ сохтани ташаббусҳои пештар мувофиқгардида нигаронида шудаанд, бешубҳа, ба ҳамкориҳои амиқи минбаъдаи сиёсӣ ва иқтисодӣ хидмат мекунанд.

Баргузор шудани ҷамъомади нахустини Шўрои минтақаҳои Ўзбекистон ва Русия таҳти сарварии ду Президент сазовори эътибори махсус мебошад. Аз ҷумла, барои иштирок дар анҷумани мазкур 18 нафар губернаторони русиягӣ ба Тошканд ташриф оварданд. Муносибати мазкур комёбиҳоро дар таҳкими ҳамкориҳои байниминтақавии ин ду кишвар намоиш медиҳад.

Ба ин маънӣ, ҳамчунин мехоҳам таъкид намоям, ки солҳои охир ҳамкориҳои ўзбекистониву русиягӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои савдову иқтисод ва сармоягузорӣ ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуданд. Мубодилаи мол ва миқдори лоиҳаҳо мунтазам меафзоянд, ҳамкории тарафайни тиҷоратӣ ва минтақавӣ фаъолтар мешаванд. Аз ҷумла, соли 2023-юм мубодилаи моли байни ду мамлакат хеле афзуд ва аз 10 миллиард доллар гузашт. Дар чораки якуми соли равон афзоиши ин нишондиҳандаҳо идома дорад.

Интизор меравад, ки қабул шудани маҷмўи нави ҳуҷҷатҳои дуҷониба дар доираи ҳамоиш ва татбиқи амалии онҳо, бешубҳа, ба таҳким ва диверсификатсияи тарафайни давлатҳо дар соҳаҳои мухталифи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоявӣ, илмиву инсонпарварӣ ва нақлиётиву логистикӣ, ҳамчунин минбаъд баланд бардоштани сатҳи ҳаёти шаҳрвандони ду давлат мусоидат хоҳад кард.

Бовар дорам, ки натиҷаҳои сафар ба рушди минбаъдаи шарикӣ ва дўстии байни ду мамлакат такони пурқувват мебахшанд, ҳамчунин сатҳи ҳамкориҳои тарафайни минтақавии Ўзбекистон ва Русияро ба дараҷаи нав мебардоранд.

***Директори Маркази иттилоот ва тадқиқоти русиву арабӣ доктор Маҷид ал-Туркӣ (Арабистони Саудӣ):***

– Ташриф ҳамчун садоқати ҷонибҳо ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикӣ ва иттифоқи стратегии байни Ўзбекистон ва Русия баргузор шуд.

Ин сафар дараҷаи баланди ҳамкориҳои тарафайни ду мамлакатро тасдиқ менамояд, зеро он аз ҷумлаи афзалиятҳои ташрифоти хориҷии Президенти Русия пас аз нав интихоб шуданаш ба мансаби роҳбари давлат, баъди сафарҳояш ба Чин ва Белорус ба вуқўъ пайваст.

Сафар дар доираи Муоҳида дар бораи муносибатҳои иттифоқӣ, ки соли 2005-ум имзо шуда буд, сипас Баённома дар бораи шарикии фарогири стратегӣ аз соли 2022-юм амалӣ мегардад. Онҳо ба пойгоҳи мустаҳками шартномавиву ҳуқуқӣ такя мекунанд, ки беш аз 370 ҳуҷҷатро дар бар гирифта, асоси мустаҳками рушди бомуваффақияти минбаъдаи ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва дарозмуҳлат, шарикии бисёрҷанба барои пешрафт ва шукуфоии халқҳои Ўзбекистон ва Русия мебошанд.

Муҳимияти ҳамкории тарафайни Ўзбекистон ва Русия ҳам дар пояи дуҷониба ва ҳам дар доираи иттиҳодияҳои байналхалқӣ татбиқ мегардад, ки бояд аз нуқтаи назари тағйироти ҷории байналхалқӣ аз ҷониби «ҷаҳони ҷануб» барои ташаккул додани олами бисёрқутба баҳри ҳифзи эътидоли ҷаҳонӣ ва муваффақ шудан ба ҷомеаи одили фарогир баррасӣ карда шавад.

Мушоҳидон бар онанд, ки натиҷаҳои ташриф, бидуни шубҳа, аз доираи ҷиҳати дуҷониба ва ҳатто минтақавӣ берун мебароянд ва дар сатҳи байналхалқӣ таъсир мерасонад.

**Таҳлилгари Эрон, коршинос оид ба кишварҳои Кавказ ва Осиёи Марказӣ Умед Раҳимӣ:**

– Муносибатҳои байни Ўзбекистон ва Русия ҷиҳати стратегӣ пайдо карданд. Кишварҳо аз эътидол ва амният дар Осиёи Марказӣ, бахусус дар Афғонистон манфиатдор мебошанд. Ду давлат метавонанд амнияти сарҳадҳои ҷанубии минтақаро кафолат диҳанд ва дар доираи стратегияи дарозмуҳлат ба таҳкими амният аз тариқи лоиҳаҳое чун Гузаргоҳи трансафғонӣ мусоидат намоянд.

Бояд дар хотир дошт, ки Русия аз шарикони асосии иқтисодии Ўзбекистон ва самтҳои муҳимтарини содиротии он ба шумор меравад. Соли 2023-юм, дар шароити мураккабтарини иқтисодӣ, содироти Ўзбекистон ба Русия 5 фоиз зиёд гардид ва аз 3,3 миллиард доллар гузашт.

Ин муҳимияти иқтисодиётро дар муносибатҳои мазкур нишон дода, асоснокии қарорҳои ҳукумати Ўзбекистонро бобати мушоҳиди Иттиҳоди иқтисодии Авроосиё гардидан тасдиқ менамояд. Ташаббусҳои Президент Шавкат Мирзиёев дар мулоқоти ба қарибӣ суратгирифтаи сарони давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авроосиё, ки дар Маскав баргузор шуд, барои мустаҳкам гардидани ҳамкориҳои тарафайн бо Русия дар соҳаи иқтисодиёт такон бахшиданд.

**Корманди илмии Пажуҳишгоҳи миллии тадқиқоти стратегии назди Президенти Қирғизистон Шердил Бактигулов:**

– Бист сол муқаддам моҳи июни соли 2004-ум дар Тошканд Ўзбекистон ва Русия Муоҳида дар бораи шарикии стратегиро имзо карданд, ки аз ҳуҷҷатҳои асосии байнидавлатӣ гардид ва появу самтҳои ин шарикиро таъин кард.

Яке аз нишондиҳандаҳои рўзафзуни ҳамкорӣ савдо ба шумор меравад, ки аллакай аз даҳ миллиард доллари ИМА убур кардааст.

Пешрафти кооператсионии ду мамлакат дар бисёр самтҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетика, муҳандисии кимё, таълим, нақлиёт, инфрасохтор, хоҷагии қишлоқ ва ғайра пешбинӣ мегарданд. Иқтисодиёти Ўзбекистон ва Русия якдигарро сарпур мекунанд.

Ташрифи давлатии Президент Владимир Путин ба Ўзбекистон пас аз нав интихобшуданаш дар моҳи марти соли 2024-ум аҳамияти махсус дорад. Дар нутқи инаугуратсионии худ моҳи майи соли равон Владимир Путин афзалиятҳои роҳи сиёсати хориҷии Русияро дар таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ маънидод намуд.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳанўз соли 2016-ум бартарии ҳамкориро бо минтақаҳои ҳамсоя эълон карда буд. Тавре ки мушоҳида мекунем, ҳар ду Президент дар соҳаи сиёсати хориҷӣ муносибатҳои ҳаммонанди стратегӣ доранд.

Зиёда аз он Ўзбекистон шарики стратегӣ ва тифоқии Русия дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Муносибатҳои байни ду мамлакат бо мулоқоти муътамади сиёсӣ тасбит мешаванд ва ҷиҳати дўстона доранд. Мулоқоти байниҳукуматӣ хеле хуб ба роҳ монда шудаанд. Созмон додани Комиссияи муштарак дар сатҳи сарони давлатҳои ҳар ду давлат аз ин дарак медиҳад. Дар доираи Комиссияи муштарак саъю кўшишҳои мувофиқ бинобар тамоми маҷмўи масъалаҳои фаъолияти дуҷониба татбиқ карда мешаванд.

Тавре ки мебинем, муносибатҳои байни Ўзбекистон ва Русия ҷиҳати муътамад доранд, Президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Владимир Путин бошанд, шарикони боэътимод маҳсуб меёбанд. Бинобар ҳамин ҳам таҳти роҳбарии сарони ду давлат шарикии стратегӣ бобати ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои байни Ўзбекистон ва Русия ҳоли ҳозир даврони беҳтарини таърихии худро аз сар мегузаронад. Ин хеле муҳим аст, чунин ҳамкорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқҳои Ўзбекистон ва Русия барои беҳтар намудани некуҳолии халқҳои тамоми Осиёи Марказӣ низ таъсири хуб дорад.

**АИ «Дунё».**

***Дар пойтахти Озарбойҷон Ҷашнвораи сеюми адабиёт ва китоби олами турк баргузор мегардад.***

## ДАР БОКУ МАҶМУАИ ЭРКИН ВОҲИДОВ БА ЗАБОНИ ОЗАРӢ МУАРРИФӢ ГАРДИД

Ҳар як рўзи ҷашнвора ба як кишвар бахшида мешавад. 25 май он ба Ўзбекистон бахшида шуд. Дар чорабинӣ олимони Озарбойҷон ва мамлакати мо, намояндагони илм ва дигар меҳмонони ифтихорӣ иштирок карданд.

Президенти Академияи миллии илмии Озарбойҷон Исо Габиббейлӣ «Рўзи Ўзбекистон»-ро кушода эълон карда, саҳми бузурги сарони ду давлат Шавкат Мирзиёев ва Илҳом Алиевро дар рушди муносибатҳои ўзбекистониву озарбойҷонӣ таъкид намуд.

Робитаҳои илмӣ ва адабии ўзбекистониву озарбойҷонӣ, қаробати решаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва адабии ду мамлакат қайд гардид. Зикр шуд, ки дар Озарбойҷон, инак беш аз даҳ сол боз адабиёти ўзбек тадқиқ мешавад, чорабинӣ ва таҳқиқоти муштарак амалӣ мегарданд.

Дар нимаи дуюми рўз рўнамоии тарҷумаи асари Қаҳрамони Ўзбекистон Эркин Воҳидов «Сўз латофати» ба забони озарӣ ба амал омад.

Сафир Баҳром Ашрафхонов дар ҷамъомад ба сухан баромада, таъкид намуд, ки вазифаҳое чун рушди муттасили соҳаҳои илм, таълим, маданият, санъат ва адабиёт дар Ўзбекистон, дастгирии ҳамаҷонибаи арбобони илм ва эҷод дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, такмил додани маданияти мутолиа аз ҷумлаи афзалиятҳои сиёсати давлатии Ўзбекистон маҳсуб меёбанд.

Қайд гардид, ки шоири машҳури ўзбек ва арбоби ҷамъиятӣ Эркин Воҳидов дар густариши шуҳрати таърих ва адабиёти мо дар хориҷа саҳми бузург гузоштааст. Зикр шуд, ки дар эҷодиёти шоир бисёр мушкилоти муҳими ҳаёти инсонӣ ва ҷамъиятӣ амиқ ва ҳаққонӣ инъикос гардидаанд, вай ба иншои таърихи бузурги гузаштаи халқи мо муваффақ шудааст.

Дар анҷоми чорабинӣ бо адибони Озарбойҷон лоиҳаҳои муштараки оянда баррасӣ шуданд.

**АИ «Дунё»,**
шаҳри Боку.

**Якшанбеи охирини моҳи май дар Туркманистон ҳар сол чун Рӯзи гилеми туркманӣ таҷлил меёбад. Ба ин муносибат дар корхонаи муштараки Ӯзбекистону Туркманистон «SD TURKMEN HALY» дар шаҳри Бухоро тадбири идона ба амал омад.**

# РӮЗИ ГИЛЕМҲОИ ТУРКМАНӢ

Бояд таъкид намуд, ки дар ин ҷо бештар аз 100 нафар занону духтарони бухорӣ аз мутахассисони туркман асрори гилембофии туркманиро меомӯзанд. Дар назди корхона ташкил ёфтани павилон-намоишгоҳ имконият медиҳад, ки ҳар як ташрифоранда аз таърихи гилемҳои туркманӣ, урфу одат ва анъанаҳои ба худ хоси халқи ҳамсоя пурра огоҳ гардад. Ин маскан ҳоло ба яке аз объектҳои дидании сайёҳони шаҳри бостонии Бухоро табдил меёбад. Дар ин ҷо ба фаъолият оғоз намудани ин корхона аз болоравии робитаҳои дӯстию ҳамсоягарӣ, маданию маърифатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, тиҷоративу сармоягузории ду мамлакат гувоҳӣ медиҳад. Барои пурра амал кардани корхона имкониятҳои қулай фароҳам оварда шудааст. Маъмурияти корхона ният дорад, ки рӯзҳои наздик содироти маҳсулотро ба хориҷа ба роҳ монад. Ба ғайр аз ин дар ин ҷо ба истеҳсоли гилемҳои абрешимӣ омодагӣ дида мешавад. Ин имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд оянд.

Меҳмонони маҳаллию хориҷие, ки ба ин ҷо ташриф оварданд, бо ҷараёни истеҳсоли гилем, таърих, расму оинҳои халқи ҳамсоя аз наздик шинос шуданд.

Савту сурудҳои пурҷозиба ба забонҳои халқҳоямон ба иштироккунандагони тадбир завқи маънавӣ бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



# ВОРИСИ СУЛОЛА

**Чустиёнро ҳамчун ҳунармандони тоқидӯз, кордсоз, бофанда, мисгар, косибу гаҷкор… ба забон мегиранд. Роҳбари давлатамон дар қатори соҳаҳои дигар ба ҳунармандӣ низ аҳамияти калон медиҳад ва ин эътибор ғайрат ва ҳиммати онҳоро дучанд мекунад.**



Маҳсулоти ҳунармандони Чустро на фақат дар вилояту ҷумҳурӣ, балки дар бисёр кишварҳои дунё низ медонанд.

Ҷавонони чустӣ ҳунарҳои меросмондаро эъзоз карда, онҳоро давом медиҳанд. Дар бораи кордсози хубе мақола навиштанро ният кардем, ба мо усто Одилҷонро тавсия намуданд. Баъди суҳбати самимӣ маълум шуд, ки қаҳрамони мо бо ин кор аз бачагӣ машғул будааст. Аз падараш Аҳадҷонако асрори ин ҳунарро омӯхта, онро такмил додааст.

– Чун корро сар кардам, мехостам зудтар ба охир расонам. Чунки дарёфти навъи нави маҳсулот ба ман муъҷиза метобид, – мегӯяд Одилҷон – вакили ҳаштумини сулолаи кордсозон Каримовҳо.

«Дар кори мо саросемагӣ хуб нест, писарҷон. Кордсозӣ ҷараёни ниҳоят нозуку эътиборталаб аст, барои ҳамин ту бояд ҳушёр шавию диққатро ба як ҷо ҷамъ карда, ба бехатарии техникӣ низ риоя кунӣ», мегуфт падарам, – мегӯяд усто Одил.

То ҳол аз ӯ маслиҳат мепурсам. Шукр, ки аз ҳунари интихобкардаам кам нашудам. Овоне, ки бачаи хурд будем, ин хел шароит набуд. Бобоям ва падарам то нисфи шаб бо кордсозӣ машғул мешуданд. Дукон надоштем, ҳамаи кор дар хона иҷро мешуд. Шогирди аввалинам, додари хурдиам Хайруллоҷон аст. Мо 4 нафар додарон дар паҳлӯйи падар истода ин касбро аз худ кардаем. Ҳоло ҳар кадом дукони худӣ дорем. Маҳсулоти худро ба давлатҳои хориҷӣ низ содир мекунем. Аниқтараш худи онҳо омада аз дукон харид карда, мебаранд. Харидорон аз Фаронса, Италия, Русия ва ғайра ба маҳсулоти мо иштиёқи баланд доранд. Сайёҳоне, ки дар фестивали «Иди гулҳо» иштирок доштанд, низ харидорӣ карданд. Ба наздикӣ аз Ҷопон ҳайате ба хонаамон омаданд. Онҳо бо фаъолияти кории мо шинос шуда, гуфтанд, ки мехоҳанд дар ин соҳа низ муносибатҳои ихтисосонидашударо ба роҳ монанд.

Оре, рағбат бошад, пешравӣ мешавад. Мо бо маҳсулоти худ дар якчанд озмун иштирок кардем, – хотима намуд усто.

Дар Чусти қадима ҷавонон ҳунарҳои бобою бобокалонашонро эъзоз мекунанду мунтазам меомӯзанд. Мо як лаҳзаи ин анъанаро дар мисоли фаъолияти Одилҷон Каримов мухтасар ҳикоя кардем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

## ХАБАРҲО

### РЕЕСТРИ ЯГОНАИ ЭЛЕКТРОНИИ АҲОЛӢ

**Дар доираи ислоҳоти маъмурӣ баҳри боз ҳам баланд бардоштани масъулияти мақомоти адлия ва ташаккули сохтори идоракунии муҷаз чораҳо андешида мешавад.**

Дар ин самт фармони дахлдори роҳбари давлат ба имзо расидааст. Мувофиқи он аз 1 январи соли 2025 Реестри ягонаи электронии аҳолӣ ҷорӣ карда мешавад. Реестр асосан маълумот дар бораи ҳолати шаҳрвандии шахсонро фаро хоҳад гирифт. Маълумот доир ба шахси шаҳрвандони Ӯзбекистон, шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба таври доимӣ дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, ҳамчунин санадҳо оид ба шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд, ба базаи ягонаи электронии реестр ҷойгир карда мешаванд.

### МАРАФОН БО ИШТИРОКИ БАЧАҲОИ НОГИРО

**Дар Экопарки Тошканд бо ташаббуси якҷояи Вазорати варзиш, Омбудсмани бачаҳо, иттиҳодияи ҷамоатии «Олимпиадаи махсуси Ӯзбекистон» ва Бунёди бачагонаи Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) таҳти шиори «Мо гуногунем. Мо баробарем» марафон баргузор гардид.**

Дар мусобиқаи тохти умумӣ, ки ба муносибати Рӯзи муҳофизати бачаҳо рӯйи кор омад, ҷамъ 110 нафар, аз ҷумла, 60 нафар бачагони имконияти ҷисмониашон маҳдуд иштирок намуданд.

Мақсади асосии марафон барҳам додани стигма ва дискриминатсия нисбати бачаҳои ногиро мебошад.

Омбудсмани бачаҳо Сурайё Раҳмонова гуфт, ба туфайли марафон бачаҳои ногиро дигарбора дарк карданд, ки бачаҳои солим ҳуқуқ ва имкониятҳои якхела доранд, онҳо метавонанд маҳорати худро дар ҳар ҷабҳа намоиш диҳанд.

### ӮЗБЕКИСТОНИЁН ДАР НАМОИШИ «ДУНЁИ ЗЕБО»

**Дар қасри Бонапарти шаҳри Рим намоиши суратҳои суратгири номвари мӯдҳо Марио Тестино бо унвони «Дунёи зебо» баргузор гардид. Дар он, аз ҷумла, асарҳое ҷой гирифтаанд, ки дар Ӯзбекистон ба сурат бардошта шудаанд.**

Суратгири итолёвӣ ду бор дар Ӯзбекистон шудааст. Дар намоиши «Дунёи зебо» қатори дигар суратҳо акси арӯсҳои қароқалпоқ, Сурхондарё ва Бухоро, дар баробари ҳамин аксҳои паҳлавонҳои ӯзбекистонӣ ҷойгир шудаанд. Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Абдуҳошим Исмоилов меҳмони махсуси чорабинӣ буд. Вай ҳамроҳ бо навозандагон дар ғиҷҷак, рубоб ва доира оҳангҳои миллиро иҷро кард.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### МАДАД БА СОҲИБКОРОН

**Дар пойтахти Русия ваколатхонаи ҳокимияти вилояти Қашқадарё оид ба корҳои тиҷоратӣ кушода шуд.**

Ваколатхона барои кумак ба соҳибкорони маҳаллӣ роҳандозӣ шуда, ба равобити тиҷоратии ҳар ду ҷониб хеле муфид арзёбӣ мешавад. Акнун соҳибкорони вилоят маҳсулоти хоҷагии деҳот ва коргоҳҳои саноатии худро ба хориҷи кишвар содир намудаву тавассути ин ваколатхона вориди бозорҳои серхаридори Русия месозанд. Ваколатхона муваззаф аст, ки маҳсулоти соҳибкорони вилоятро ба тоҷирони рус муаррифӣ созад ва ба корҳои хариду фурӯши онҳо мувофиқат кунад. Ҳамчунин раванди ворид сохтани сармояи сарватмандонро аз ин кишвар ба қаламрави вилоят тезонда, миёни ҷонибҳо вазифаи пулро ба сомон расонад.

### ТАШАББУСИ ҲОКИМ

**Тасмим гирифта шуд, ки дар вилояти Қашқадарё ҳар рӯзи шанбе бо соҳибкорони маҳаллӣ дидору мулоқот барпо гардад. Дар он намояндагони ҳокимияти вилоят ва идораҳои гуногун ширкат хоҳанд кард.**

Ин ташаббуси нек аз ҷониби Муротҷон Азимов, ҳокими вилояти Қашқадарё зимни як дидору мулоқот бо соҳибкорон пеш гузошта шуд ва аҳли нишаст онро хуб пазирой карданд.

– Соҳибкорон қишри асосии пардохткунандаи андозҳо ҳастанд ва бо шарофати онҳо ҷойҳои нави кор ҳам барпо мегарданд, – таъкид кард ҳокими вилоят. – Барои ҳалли мушкилоти пешомада дидору мулоқоти рӯбарӯ хеле муфид хоҳад буд.

Ҳукумати Ӯзбекистон соҳибкоронро муттакои худ мешуморад ва барои ривоҷи ин соҳа ҳамеша хушбин буда, шароити мусоиде фароҳам сохтааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

### ҲАМКОРИИ САМАРАБАХШ

**Солҳои охир дар кишварамон бо давлатҳои ҳамсоя ва хориҷӣ дар соҳаҳои гуногун ҳамкориҳои самаранокро ба роҳ монда, комёбиҳои назаррасро ба даст меоранд. Ба наздикӣ ҳокими вилояти Намангон Шавкат Абдураззоқов бо гурӯҳи соҳибкорону кормандони маҳаллӣ бо ташрифи амалӣ дар вилояти Свердловски Русия шуд.**

Дар барнома мулоқоту баимзорасонии як қатор созишномаҳо оиди вусъати ҳамкориҳои иқтисодӣ байни корхонаву ташкилотҳои ҳар ду вилоят, ташкилу таъсиси корхонаҳои нави муштараки саноатӣ пешбинӣ шудааст.

Дар шаҳри Екатеринбург ҳайат бо директори генералии ширкати «Медсинтез»-и ба истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ ихтисосонидашудаи вилояти Свердловск Александр Петров вохӯрда, оиди таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ гуфтушунидҳо ба сомон расониданд. Аз ҷумла, ҳар ду ҷониб дар ин мулоқоти самимӣ дар бораи маҳаллигардонии истеҳсоли доруворӣ зидди вирусҳои гуногун пешбинишуда ва таъсиси корхонаҳои истеҳсоли чунин воситаҳо дар ҳудуди минтақаи хурди саноатии «Косонсой фарм» ба як қарор омаданд.

Ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ натанҳо боиси мустаҳкамшавии риштаҳои дӯстиву ҳамкории тарафайн, балки барои беҳгардонии таъмини эҳтиёҷи рӯзафзуни аҳолӣ ба маҳсулоти саноатӣ ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ кумак мегардад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# НИМ АСРИ ПУРШАРАФ

**Рӯзномаҳои «Ҷиззах ҳақиқати» – «Джиззакская правда» панҷоҳсола шуданд**

Дар он солҳо нашри рӯзномаҳо кори саҳлу осон набуд. Дар мо чопи ҳуруфчинии онҳо анқариб то аввали солҳои навадум идома дошт. Камина аввали солҳои навадум, зимни ҳамкорӣ бо як қатор нашриёҳои Тоҷикистон, ҳатто як муддат ба сифати ходими рӯзнома кор кардан, заҳмати тоқатфарсои журналистонро бо чашми худ дидаам. Кормандони матбаа дар сех сари дастгоҳҳои калон менишастанду баъди ислоҳи саҳифаҳо гаштаву баргашта бо ҳарфҳои наборӣ, ба фикрам қӯрғошимӣ буданд, матнҳоро мечиданд. Кор бад-ин тарз то як поси шаб тӯл мекашид ва шумораи нав омода мегардид…

Рӯзномаҳои вилоятии «Ҷиззах ҳақиқати» – «Джиззакская правда» низ ин роҳро паймудаанд ва то ба имрӯз ҳамқадами ҷамъияту замон мебошанд. Орзу ва ормонҳои одамон, дигаргуниҳои соҳаҳои гуногуни ҷомеа дар саҳифаҳои онҳо инъикос меёбанд.

– Рӯзнома аз ибтидо ҷамоаи аҳлу тифоқ дошт, – ба хотир меоварад рӯзноманигори фахрӣ Абдукарим Шарифов. – Аз ин рӯ роҳи пуршарафро тай кард. Бо мардум ҳамнафас гардид ва ҳоло ҳам дар ин рӯҳия амал мекунад.

– Дар бобати вазифаҳои асосии воситаҳои ахбори омма дар назди ҷомеа ҳар қадар ҳарф занем, кам аст, – мегӯяд сармуҳаррири рӯзнома Баҳодур Назаров. – Зеро ҳама гуна маҳсулоти журналистӣ, ки тавассути саҳифаҳои рӯзномаҳо эълом мегарданд, маҳз маҳсули меҳнату ҳосилаи ақлу шуури кормандони онҳост.

Имсол аҳли рӯзномаи мо панҷоҳсолагии нашрияро ба таври хосса таҷлил намуданд. Бояд гуфт, ки ба он тайи солҳои гуногун Октябр Ҷавлонов, Абдулло Аҳмад, Бахриддин Сатторов, Салоҳиддин Сафаров барин рӯзноманигорони тавоно сармуҳаррирӣ кардаанд. Меҳнати онҳо ба таври муносиб қадр ёфтааст. Ҷӯра Маматқулов, Турсунбой Камолов, Светлана Пятаева, Тошқул Бекназаров, Асад Каттабековҳо бо орден ва медалҳо сарфароз шудаанд.

Чанд тан аз ҳамкорони пешини мо ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд. Ҳар сол зимни таҷлили Рӯзи ходимони матбуот онҳоро ёд мекунем. Ҳамеша дар маҳфилҳо, чорабиниҳо ба поси хотирашон суханони нек гуфта мешаванд.

Алҳол журналистони чирадасту хушқалам Ҳакимҷон Тилабов, Ӯктам Одилов, Асад Мустафоев, Васил Илёсов, Муқаддас Сафарова, Абдушукур Лапасов, Шароф Раҳимов, Ҷамшед Ёрбеков бори сангину пуршарафи рӯзномаро пеш мебаранд. Барои инъикос намудани паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти вилоят, хосса ҳоли ҳозир, ки Ӯзбекистони Навро барпо мекунем, заҳмат мекашанд.

Дар ин роҳ ба ҳамкасбони худ комёбӣ ва бурдбориҳо таманно дорам, – гуфт дар хулоса сармуҳаррир.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Ҷиззах.**

# АМАЛИЁТИ «МЕҲР» – УСУЛИ ӮЗБЕКИСТОНИИ БОЗГАРДОНИИ ЗАНОНУ КӮДАКОН АЗ МИНТАҚАҲОИ ЗИДДИЯТНОК

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Давлатҳои Осиёи Марказӣ ташаббуси ҳозирҷавобӣ ба вазъияти мазкур пешоҳангони ҷаҳонӣ дар соҳаи бозгардонӣ ва реинтегратсияи шаҳрвандони худ гардиданро ба зимма гирифтанд. Дар ҳолати то моҳи марти соли 2024-ум беш аз 2100 шаҳрванд дар ҷараёни амалиёти башардӯстона, ки кишварҳои минтақа созмон доданд, ба минтақа баргардонида шуданд. Аз ҷумла, Қазоқистон 754, Қирғизистон 511, Тоҷикистон 381 ва Ӯзбекистон 531 нафар шаҳрванди худро ба ватан баргардонданд.

Баъд аз бозгаштан шахсони баргардонидашуда, аксаран занон ва кӯдакон, аз барномаи оид ба реабилитатсия гузаштанд, ки чораҳои мушаххасро бинобар ба онҳо ёрӣ додан бобати қаробат пайдо карданашон дар оила ва ҷамъият дар назар дорад. Дар натиҷа ҳар кадом кишвар таҷрибаи зарурӣ ҳосил кард. Бо дарназардошти саъю кӯшишҳои минбаъдаи давлатҳои Осиёи Марказӣ бобати бозгардонӣ, аз ҷумла нисбати кор бо ашхоси мураккаб, ки ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд, мубодилаи таҷриба ва пурзӯр кардани ҳамкории байни коршиносони минтақавӣ ба саъю кӯшишҳои умумиминтақавӣ мусоидат менамоянд.

Ҳазорҳо нафар занону духтарон аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон боздошта ё худ дар лагерҳои шимолу шарқии Сурия нигоҳ дошта шуданд. Аксарияти онҳо ба таҷовуз, зӯроварӣ ва шаклҳои дигари муомилаи қатъӣ гирифтор шудаанд, ки ба меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқат намекунад ва бинобар ҳуқуқи байналхалқӣ ҳамчун ҷазо маънидод карда мешавад. СММ аз бисёр кишварҳо даъват ба амал овард, ки бозгардонии чунин ашхосро ба ватанашон таъмин намоянд. Ҳукумати Ӯзбекистон ба ин даъват оҷилона ҳамовоз шуд, шаҳрвандони худро бозгардонд ва онҳоро аз зӯроварӣ ҳифз намуд. Зиёда аз ин ин ашхос бо ҳуқуқҳои асосӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин карда шуданд. Ин шаҳодати он мебошад, ки ҳам роҳбарият ва ҳам халқи Ӯзбекистон нисбати тақдири ҳамватанони худ бефарқ нест.

Саъю ҳаракати ба ин маънӣ анҷомдодаи Ӯзбекистонро метавон хеле хуб арзёбӣ кард, чунин саъю ҳаракат нафақат дар Ӯзбекистон, балки дар арсаи байналхалқӣ низ дастгирӣ ва эътироф карда мешавад. Санад ва рақамҳои зерин инро қотеъона тасдиқ менамоянд. Аз оғози соли 2019-ум мувофиқи фармоишоти Президенти Ӯзбекистон таҳти унвони «Меҳр» амалиёти башардӯстона татбиқ карда мешавад, ки мақсади он ба роҳ мондани бозгардонии ҳамватанонамон аз лагерҳои кишварҳои Шарқи Наздик аст, ки онҳо нигоҳ дошта мешуданду дар онҳо амалиётҳои ҳарбӣ идома доранд. Ҳангоми татбиқ намудани амалиётҳои мазкур ба тақдири занону кӯдакон эътибори махсус дода мешавад.

Амалиётҳои башардӯстонаи «Меҳр-1» ва «Меҳр-2» боиси ба мамлакат баргаштани 220 нафар занону кӯдакон шуданд. Моҳи декабри соли 2020 дар ҷараёни фаъолияти башардӯстонаи «Меҳр-3» 23 зан ва 73 наврас аз Сурия ба Ӯзбекистон баргардонда шуданд. Моҳи марти соли 2021 Ӯзбекистон боз як амалиёти башардӯстона – «Меҳр-4»-ро татбиқ намуд, ки дар натиҷаи он 24 нафар аз Афғонистон ба ватан баргашт. Аз соли 2017 то соли 2021 аз Афғонистон 121 нафар ба ватан баргаштанд. Умуман ба шарофати саъю кӯшишҳои башардӯстона аз минтақаҳои амалиёти ҳарбӣ 531 нафар баргардонида шуданд. Ин ҷараён бидуни ҳама гуна маҷбурият аз ҷониби давлат татбиқ карда шуд. Давлат бо дарназардошти вазъияти аз сар гузаронидаи ҳар як шахси дар минтақаи зиддиятнок буда мустақилона қарори ба Ватан баргардондани онҳоро қабул кард.

Барои тамоми ҳамватанони бозгашта дар доираи амалиёти башардӯстона аз ҷониби давлат бобати бомуваффақият мутобиқ шудани онҳо ба ҷомеа ва барқарор кардани ҳаёти осудаҳолона шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд. Бозгаштагон бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин гардиданд, ба онҳо кумакҳои тиббӣ ва маънавӣ, ҳамчунин моддиву ҳуқуқӣ расонида, барои қайду номнависии ҳуҷҷатҳои зарурӣ эътибори махсус дода мешавад. Зиёда аз он барои баъзе бозгардонидашудагон бинобар хоҳишашон баҳри хариди манзил вомҳои ипотекӣ ҷудо карда шуданд. Аксари онҳо бо пайвандони худ вохӯрданд ва дар хонаҳои худӣ зисту зиндагӣ мекунанд.

Бачагоне, ки дар минтақаҳои зиддиятҳои ҳарбӣ азиятҳои маънавиву ҷисмониро аз сар гузарониданд, дар марказҳои солимгардонӣ қарор доранд, бо хӯрокворӣ, сару либос таъминанд, ҳамчунин кумакҳои тиббӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ расонида мешавад. Онҳо ҳамчунин ба муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳо ҷалб шудаанд, аз кумакҳои ҳомиён истифода мебаранд.

Бо эътимод метавон гуфт, ки таҷрибаи Ӯзбекистон бобати ташкил намудани кори бозгардонии ҳамватанон ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо бо дарназардошти манфиати тамоми шаҳрвандон, ҳамчунин мувофиқи равандҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ, аз ҷумла, созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст.

Муовини Котиби генералии СММ ва роҳбари Раёсати зиддитеррористӣ В.Воронков ба роҳбарияти Ӯзбекистон барои созмон додани амалиёти самарабахши инсонпарварона бобати бозгардонии занону кӯдакон аз минтақаҳои зиддиятноки ҳарбӣ, ки аз санҷишҳои зарурии тиббиву реабилитатсионӣ гузаштанд, миннатдорӣ изҳор кард. Бинобар суханони ӯ таҷрибаи Ӯзбекистон барои бисёр кишварҳои дигар, ки ҳанӯз бинобар бозгардондани шаҳрвандони худ аз минтақаҳои зиддиятнок омода нестанд, ибратомӯз мебошад. Бо дарназардошти баҳои СММ метавон боэътимод таъкид кард, ки таҷрибаи ҳосилкардаи Ӯзбекистон бобати дастгирии шаҳрвандоне, ки аз минтақаҳои зиддиятноки ҳарбӣ баргаштаанд, намунаи ибрат аст. Зеро он дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудаву эътироф мегардад ва бояд барои кишварҳои дигар, тамоми ҷомеаи ҷаҳон ҳамчун намуна хидмат кунад.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори улуми ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор.**

# САРМОЯ – МУҲАРРИКИ ТРАНСФОРМАТСИЯИ КИШВАР

**Дар кишвари мо лоиҳаҳои зиёди бузург ва хурди сармоягузорӣ татбиқ мегарданд. Корхонаҳои хурду миёна бештар заруранд, ки ба зудӣ ҷойҳои корӣ созмон дода, маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда истеҳсол намуда, барои аҳолӣ манбаи даромад фароҳам оваранд.**

Президент Шавкат Мирзиёев зимни суханронӣ дар ҷамъомади дуюми умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ таъкид намуда буд, ки «Мо бо саъю кӯшишҳои муштарак, якдигарро дастгирӣ карда, метавонем сатҳи ҳаёти халқи моро баланд бардорем ва ояндаи шукуфони Ӯзбекистонро таъмин кунем».

Бо ин мақсад ҳайати вилояти Навоӣ бо роҳбарии ҳоким Нормат Турсунов сафари корӣ ба Русия анҷом дод. Боз ҳам мустаҳкам намудани муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии ду кишвар, тезонидани ба кишвар ворид намудани сармоя ва қавӣ гардонидани муносибатҳои дӯстона байни ду кишвар мақсади асосии сафари корӣ буд.

Ҳоким бо вакилони якчанд компания мулоқот намуд. Барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ гуфтушунид кард.

Аъзоёни ҳайат бо фаъолияти заводи технологӣ-инноватсионии Омск – «lavart», ки дар дунё ҳамтои худро надошта, тадқиқотҳои илмӣ пеш мебарад, шинос шуданд. Компания дар бештар аз 40 ҳудуди Русия зиёда аз 1000 лоиҳаро татбиқ намудааст, ки дар майдони 19 000 км мураббаъ роботҳо ба истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ машғул мебошанд.

Инчунин ҳайат ба «Маркази илмӣ-аграрии Омск» ташриф оварданд. Дар ин ҷо бо технологияи ихтирои навъҳои нави гандум, соя ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ шинос гардиданд. Бо ин корхона шартнома дар бораи ба вилояти Навоӣ ташриф овардани мутахассисони маркази илмӣ ба имзо расид.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

**Дар кишвари мо бахшида ба бачагону наврасон ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекиву русӣ мисли «Булбулча доно», «Гулхан», «Ғунча», «Тонг юлдузи», «Класс» ва ғайра рӯзномаву маҷаллаҳо чоп мешаванд. Аз байни онҳо рӯзномаи «Тонг юлдузи» куҳантарин нашрия буда, қариб 95 сол инҷониб интишор мегардад.**

# ДАР ТАРБИЯИ НАВРАСОН НАҚШИ МУҲИМ ДОШТУ ДОРАД




Дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ бо ҳамкории Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, Оҷонсии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ муаррифии китоби «Тонг юлдузи» ёритган олам» («Оламе, ки «Тонг юлдузи» равшан кардааст») ва намоишгоҳи рассом Равил Албеков баргузор гардид.

— Нашрияҳои бачагона дар таълиму тарбияи бачагон ҷойгоҳи алоҳида доранд, — гуфт дар баромади худ сармуҳаррири рӯзнома Фирӯза Одилова. — Қариб як аср мешавад, ки дар ин рӯзнома аввалин намунаҳои қаламии эҷодкорони ҷавон нашр мешаванд. Умедворам, ки аз ин ҷиҳат рӯзномаи мо барои садҳо нафар шоиру нависандаву рассомони ояндаи кишвар ҳамчун иҷрогари вазифаи мактаби эҷодӣ боқӣ мемонад.

Корманди хидматнишондодаи фарҳанги Ӯзбекистон, шоири номии бачагон Умеда Абдуазимова, ки солҳои 1995-2007 ба ин рӯзнома сарварӣ кардааст, дар баромади худ аз хотираҳои бачагӣ оиди интизори рӯзномаи «Ленин учқуни» – «Тонг юлдузи»-и ҳозира шуданаш ёдоварӣ кард.

— Он рӯзе, ки шеъри ман дар ин газета чоп шуд, гӯё болу пар баровnapда будам, — гуфт У. Абдуазимова. — Эҷодкорони рӯзнома ягон мактубамро беэътибор намемонданд. Ин аст, ки қалами ман суфтатар гардид ва пас аз гирифтани таълими олӣ ва ғанӣ гардидани таҷрибаи корӣ худам низ корманди ин нашрияи дӯстдоштаам гардидам.

Ҷиҳати хонданибоб баромадани рӯзнома маводҳо таҳти рукни «Рӯзе дар дарс...», «Овони бачагиам...», «Бо падару модар бихонед», «Ба ҷевони китоб», «Мавзӯъ барои муҳокима» чоп мешаванд, ки нафақат барои бачагону наврасон, барои устодону волидон низ шавқангез аст.

Китоб, ки аз тарафи ҶММ «Azmir nashr print» ба чоп расида, дар он хотираҳо ва намунаҳо аз эҷоди эҷодкорони номии кишвар Ойбек, Ғафур Ғулом, Ҳаким Назир, Қуддус Муҳаммадӣ, Мақсуд Шайхзода, Эркин Воҳидов, Сафар Барноев, Пиримқул Қодиров, Абдулло Орипов, Зулфия, инчунин, қаламиҳои хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ, ки дар давоми солҳо дар ин рӯзнома дарҷ гардида буданд, азнав чоп шудааст.

Дар доираи чорабинӣ беш аз 40-то сурати рассом Равил Албеков, ки дар ин рӯзнома солҳои зиёд фаъолият доштааст, ба намоиш гузошта шуд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Ба ҷои табрик*

# САРСАБЗУ ПУРБОР

Аз вилояти Сурхондарё шоиру нависандагони зиёде баромадаанд, ки дар Ӯзбекистону Тоҷикистон эҷод карда, чанд нафарашон ба дараҷаи шоир ё нависандаи мардумӣ расидаанд. Яке аз адибони хушқаламии вилоят алъон Ахтамқулӣ (Ахтамқул Каримов) мебошад. Мисле дирӯзак чун ҷавоншоири боистеъдод эътироф шуда бошад, вай ҳоло дар сафи адибони баркамол қарор дорад. Шастро низ пур кард ва ҳамон башаст дар ҷодаҳои зиндагиву эҷод қадам мезанад.

Ахтамқулӣ соли 1964 дар деҳаи Шотирӯди ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ба дунё омадааст.

Ҳануз аз хурдсолӣ ба мутолиа меҳр монданашро Мустафоқул ном хаткашони деҳ низ сабаб шудааст. Хаткашон ба рӯзномаву маҷаллаҳо дилбастагии Ахтамқулиро, ки ҳанӯз хурд буду дар синфҳои ибтидоӣ мехонд, пай бурд. Обуна набошад ҳам, баъзе шумораҳои нашрияҳои бачагонаро ҳадя мекард. Мисле мукофот гирифта бошад, сари Ахтамқулӣ ба осмон мерасид.

Яке аз рӯзҳо хаткашон ба вай чанд рӯзнома дод, вале нигоҳи бачаяк ҳамон ба хӯрҷини аз нашрҳои рангоранг моломоли вай. Чашмонаш мегуфт: «Ягон журнал ҳам медодед». Ифодаи нигоҳи бачаякро пай бурда, хаткашон даст ба хӯрҷин бурд ва маҷаллаи «Гулистон»-ро баровард.

– Раҳмат! – хурсанд шуда рафт Ахтамқулӣ.

Писари ҳамсояашон Бахтиёр ҳаракатҳои ӯро назора мекардааст.

– Ба ман ҳам журнал диҳед, – гуфт вай ба хаткашон.

Мустафоқуламак гӯш ба ношунавоӣ зад ва рафтагор шуд. Бахтиёр ранҷид:

– Охир ба ин додед-ку?

Хаткашон гуфт:

– Ахтамқулӣ ҷӯраи ман!

Оре,»ҷӯра» шуда буданд бачаи хурдсолу хаткашони куҳансол. Ҳамин тавр, ба туфайли «ҷӯрагӣ» бо хаткашони деҳ Ахтамқулӣ ба рӯзномаву маҷаллаҳои зиёд «ошно» гашт, сеҳр ва ҷозибаи мутолиа ӯро ба худ кашид. Ба хаткашон ҳавасаш ҳам меомад, ки метавонад нашри дилхоҳашро чи қадар, ки хоҳад, мутолиа менамояд. Матбуоти чопӣ мазмун ва муҳтавои дигар дошт. Мардум низ ташнаи мутолиа буду расонаҳои хабариро як ҷузъи ҷудонопазири рӯзгори маънавӣ мешуморид. Рӯзномаи онрӯзаро худи ҳамон рӯз ба даст нагирад, дилаш қарор намегирифт.

Мустафоқуламакро мардум эҳтиром мекард. Вай ба деҳаи дигар кӯч басту ба ҷояш падари Ахтамқулиро хаткашон таъин намуданд. Акнун даста-даста газетаву журналҳо, ки аввал ба хонаашон меомад, шодии Ахтамқулиро ҳадде набуд. Дар деҳа якумин шуда, нашри дилхоҳатро хонданат мумкин. Бештар газетаю журнал мехондагӣ шуд. Баъди дарс ӯву акааш ба падар ёрӣ мерасонданд – хӯрҷинҳоро ба хар бор карда, дар ба дар онҳоро ба обунашудагон тақсим мекарданд.

Аввалҳо ба ду деҳа рӯзнома паҳн кунанд, баъдтар «доираи фаъолияташон» васеъ гашт. Лозим омад ба чаҳор деҳа хидмат намоянд. Батадриҷ бародарон, ки вақт ёфта ба падар кумак мекарданд, «устоди касби худ» шуданд. Вале чӣ шуду ба «хаткашонҳо» чашм расид...

Рӯзе падараш бедимоғ ба хона омад. Дар дасташ рӯзномаи ноҳиявии «Сариосиё ҳақиқати». Ӯро ба сифати хаткашоне, ки дар вақташ мактубу газетаҳоро бурда намедиҳад, танқид карда буданд. Муаллиф як тракторрони одӣ.

– Ариза менависам, – гуфт падараш. – Барои он, ки ҷоям ба касе лозим шудааст, буҳтон намудаанд.

Бачаҳо мулзам шуданд. Падар гуфтаи худро кард, ҳарчанд медонистанд зери коса нимкоса ҳаст. Нафари дигар вазифаи ӯро гирифт (ҳамоне, ки ҷӯраи наздики муаллифи мақолаи танқидӣ будааст). Баъди чанд вақт маълум гашт, хаткашони нав ба вазифаи масъулиятталаб аз паси панҷа менигарад – газетаҳоро аз дарвозаҳо ҳаво дода, ба роҳаш давом медиҳад. Дар натиҷа ба газетаҳо молҳое, ки аз пода баргаштаанд, даҳон мезананд ё зери по мекунанд.

Он вақт Ахтамқулӣ дар синфи ҳафт мехонд. Бори аввал ба даст қалам гирифт. Ба рӯзномаи ноҳиявӣ номаи шикоятӣ навишт, аз идорае, ки пештар падарашро танқид карда буд, ҳақиқат ҷуст. Хотиррасон кард, ки ба падараш ноҳақ туҳмат карда буданд. Мақолааш бо унвони «Надонед, дониста гиред!» рӯйи чоп дид...

Ҳамин тавр, робитаи Ахтамқулӣ бо идораи рӯзномаву маҷаллаҳо оғоз ёфт. Баробари хабару мақола шеър ва ҳикоя менавишт. Баъде дабистони таълими умумиро хатм кард, чанд сол дар киштзорҳои деҳ арақи ҷабин резонд – деҳқонӣ кард. Агрономӣ ҳам намуд – забони долу дарахтҳоро омӯхт. Муттасил шеърнависиро низ машқ мекард. Муҳити адабии Тошканд ба худ кашид. Вақте ба курси олии адабиёт дар ҳузури Дорулфунуни миллии Ӯзбекистон ҳуҷҷат супурд, наздик чиҳилсола буд. Профессор Баҳодур Каримов, ки он вақт дар он даргоҳ аз адабиёт дарс медод, мегӯяд, Ахтамқулӣ дар ҳамон синну сол рӯҳан ҳаждаҳсоларо мемонд – ташнаи илму дониш буд. Доктори илмҳои филологӣ Нурбой Ҷабборов таъкид месозад, Ахтамқулӣ пеш аз забони шеърро омӯхтан забони заминро омӯхт, бинобар ҳамин ҳам дар шахсият ва қаламиҳояш тамкину бурдбориҳои ба замин хос муҷассам.

Ахтамқулӣ дар мактаби ҳаёт таҷрибаҳои зиёд андӯхта бошад, дар курси олии адабиёт аз Ёқубҷон Исоқов, Узоқ Ҷӯрақулов, Юсуфҷон Ҳамдамов, Болта Ёриев ва донишмандони дигар асрор ва нозукиҳои эҷодро омӯхт. Бо машқи ғазали худ ба назари Абдулло Орифов афтод.

Ҷамъомад бахшида ба 60-солагии Ахтамқулӣ дар Иттиҳоди нависандагон хотирмон сурат гирифт. Раиси ташкилоти адибон Сироҷиддин Саййид дар бораи ҳаёт ва роҳи эҷодии адиб бо ҳарорат ҳарф зад, бахшида ба рӯзи саид шоирро муборакбод сохт, ба вай ҷома пӯшонд. Ба ҳамсари адиб низ гулдастаҳо тақдим гашт.

Ахтамқулӣ бештар ғазал менависад. Аз арӯз бохабар аст. Воқифӣ аз адабиёти тоҷик низ ба амиқ решадавониву «деҳқони пухтакор»-иаш дар марзи адабиёт ва чун шоири ғазалсаро ном баровapданаш мусоидат сохт. Ба сарсабзиҳои эҷодӣ даст ёфт.

Дар чорабинӣ онҳое, ки ба сухан баромаданд, гуфтанд ба писанди умум будани соҳибҷашн хоксориҳои ба худ хоси ӯ низ сабаб аст. Зебо ва шево менависад. Ин ҷост, ки якчанд шеъраш ба оҳанг даромадааст. Артисти халқии Ӯзбекистон Маҳмуд Намозов таронае хонд бо унвони «Диёри модариам». «Шукр кун» ном суруд дар иҷрои сарояндаи ҷавон Малика Эгамбердиева, айни замон, гуворо садо дод, онҳо ба қалами Ахтамқулӣ мансуб аст.

Узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Ахтамқулӣ алъон дар рӯзномаи «Тонг юлдузи» фаъолият мебарад. Муаллифи якчанд маҷмӯаи назмию насрист. Хусусан «Ватан дар гунаам гул мекунад», «Кӯҳҳо низ пир мешаванд», «Бодомакам», «Чиҳил ғазал», «Гули аз баҳор дермондаи ман», «Чамани сухан», «Ноҷматро дар қалб нуҳуфтам» ном дафтарҳои шеърӣ ва чанд қисссаи тарҷумаиҳолиаш баҳои баланд гирифтаанд.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

*Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»*

# ЖУРНАЛИСТИ МОҲИР, ОЛИМИ ВОҚЕЪБИН



Хабарнигори «Ҳақиқати Ӯзбекистон» дар вилояти Бухоро Маҳмудҷон Қосимовро ҳанӯз аз овони талабагӣ ва донишҷӯйӣ ғоибона мешинохтам. Вохӯрии мо ба вай охири солҳои 70-уми асри гузашта, ҳангоми кор дар мактаби миёна, ба вуқӯъ пайвастааст. Он солҳо дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» хабару мақола, лавҳаю очеркҳои банда зуд-зуд чоп мешуданд, шояд барои ҳамин бошад, ӯ бо ҳамкоронаш ба суроғи камина омада буд. Одатан вай бо мухбири «Совет Ӯзбекистони» дар вилояти Бухоро Ҳошим Қодиров, мухбири вилоятии «Правда Востока» Кузмин бо «ГАЗ-24»-и хидматии кумитаи ҳизбии вилоят якҷо ба сафари хидматӣ мебаромад.

Маълум шуд, ки онҳо бо кори газета ба хоҷагии давлатии пахтапарварии ба номи Илич омадаанд. Азбаски идораи хоҷагӣ ба мактаби мо хеле наздик ва он гоҳ таҳсилоти таълимгоҳ асосан тоҷикӣ буд, хабари ба мактаб ташриф овардани хабарнигори «Ҳақиқати Ӯзбекистон» зуд овоза гардид...

Бо М. Қосимов баъзан дар маркази ноҳия тасодуфан рӯ ба рӯ меомадам. Боре, ҳангоми мулоқот бо вай, аён гардид, ки омӯзгорони омӯзишгоҳи ҳамонвақтаи касбу ҳунари Шофиркон ба редаксия мактуби шикоятӣ фиристодаанд ва ӯ барои санҷиши шикоят бо роҳхати идора он ҷо омадааст.

Аз байн чанд рӯз гузашт ва дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» мақолаи М. Қосимов «Коллективи касал» чоп шуд. Дар мақола иллатҳои дар омӯзишгоҳ ҷойдошта фош карда шуда буд. Муддате нагузашта директори маскани касбу ҳунар Муллоқулов аз вазифааш сабукдӯш карда шуд.

Бад-ин минвол рӯзҳо мегузаштанд. Боре боз бо М. Қосимов дар маркази ноҳия вохӯрдем. Вай ин дафъа аз пайи мактуби омӯзгорони мактаби миёнаи тоҷикии рақами 9-уми ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омада буд...

27 ноябри соли 1977 дар шумораи 138-уми «Ҳақиқати Ӯзбекистон» очерки муаллифи ин сатрҳо «Шоҳроҳи умр» чоп гардид ва мувофиқи ҷамъбасти озмуни эълонкардаи рӯзнома он ба мукофоти сеюм сазовор дониста шуд. (Нигаред ба «Ҳақиқати Ӯзбекистон», 1 январи соли 1978, саҳ.4).

Ин комёбӣ, бешубҳа, каминаро рӯҳбаланд сохт ва матолиби зиёдам пасу пеш дар рӯзномаи азиз рӯйи чопро диданд.

5 майи соли 1981 шумораи 51-уми «Ҳақиқати Ӯзбекистон»-ро ба даст гирифта ба чашмони худ бовар намекардам. Дар саҳифаи рӯзнома, ки ба муносибати Рӯзи матбуоти советӣ «Минбари миллионҳо» ном дошт, мақолаи Маҳмудҷон Қосимов «Бо амри дил» (дар бораи ҳаёт ва фаъолияти банда) ва сурати худро дида, сарам ба осмон расид. Муаллиф дар мақолааш дар бораи баъзе маводҳои охирини дарҷёфтаи муаллифи ин сатрҳо бо таваҷҷӯҳ ҳарф зада, аз ҷумла дар охир чунин навиштааст: «Яке аз маводҳои дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» чопшудаи Амрулло Авезов «Камолоти Тезгузар» ном дорад. Ӯ дар солҳои ҳокимияти советӣ ба деҳаи дурахшон ва гулгулшукуфон табдил ёфтани Тезгузари назарногир, аз ин деҳа ба камол расидани садҳо олимону санъаткорон ва соҳибони касбу ҳунари дигарро бо мамнуният ба қалам додааст.

Ба худи А. Авезов ҳам дар фаъолияти педагогӣ, пропагандистӣ ва журналистиаш ҳамин гуна камолот хоҳонем. Бигузор, дар зиндагӣ зина ба зина баландтар бароядъ».

Рост гап, ин мақола барои ман тасодуфӣ буд ва ҳайрон будам, ки устод факту рақамҳо, маълумотро дар бораи банда ва оилаамон аз куҷо гирифтаанд. Чанде пас, ҳангоми вохӯрӣ, худи муаллим инро чунин эзоҳ доданд. «Дар арафаи иди касбӣ Тошканд рафта будам. Дар идораи рӯзнома мудири шуъбаи мактубҳо Ҳомидҷон Қличев маводҳои даркориро наздам гузошта хоҳиш карданд, ки дар бораи Шумо чизе нависам...»

Бешубҳа, ин мақолаи Маҳмудҷон Қосимов барои банда чун фотиҳаи хайри устод ба шогирд аҳамият дошту дорад.

Маҳмудҷонака бо аҳли оилааш дар маҳаллаи Зирободи шаҳри Когон истиқомат кунад ҳам, дар шаҳрак (микрорайон)-и шашуми шаҳри Бухоро хонаи якҳуҷрагӣ дошт. Ҳар гоҳ, ки аз сафари хидматӣ дер ояд, ё ҳангоми корҳои эҷодӣ дар ҳамин ҷо мемонд. Боре, ҳангоми мулоқот дар шаҳри Бухоро, ӯ маро ба ин манзилаш таклиф кард. Он бо адабиётҳои зиёди илмию бадеии нодир барои корҳои эҷодӣ хеле қулай буд. Болои мизи корӣ мошини чоп меистод. Ҳангоме ки суҳбати мо аз хусуси таърихи Вардонзеҳ ва алоқаи он бо ноҳияи Шофиркон қӯр гирифт, муаллим аз байни китобҳояш «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахиро ёфта, аз он саҳифаро доир ба «Вардонзеҳ», «Вардона» пайдо намуда, ба воситаи мошини чоп рӯбардор ва онро сӯям дароз карда гуфт: «Ин барои шумо зарур аст».

Муаллим табиатан дар бораи таърих, ҳодисаю воқеаҳое ҳарф мезад, ки асоси илмӣ доранд, ё илман исбот шудаанд.

Боре аз растаи носфурӯшии бозор мегузаштаму чашмам ба бастаи рӯзномаҳои нави назди носфурӯш афтод. Мутаассифона, дар байни онҳо рӯзномаи дӯстдоштаи мо низ буд. Носфурӯшони беларво газетаҳоро беист пора карда, ба харидорон нос печонда медоданд. Он гоҳ халтачаҳои полиэтилении нос ҳанӯз набуданд, бинобар ин рӯзномаҳо ин вазифаро иҷро мекарданд.

Ҳангоми вохӯрӣ бо устод дар ин бора гуфтам. Вай каме фикр карду ниҳоят гуфт:

– Аҳволи ҳамшаҳриҳоямонро медонед, онҳо ба забони дигар таълиму тарбия мегиранд, бинобар ин қадри забони модариро аз куҷо донанд?! Шумо аз носфурӯшон наранҷед, ба онҳо раҳмат гӯед.

Маҳмудҷонака инсони покиҷдон ва ҳалолу покиза буд. Онҳоеро, ки ба ҳақи касе хиёнат мекарданд, хеле бад медид.

Соли 1994 дар қатори дигар фанҳо озмуни ҷумҳуриявии фанҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои тоҷикӣ дар ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарё баргузор гардид.

Талабагони синфҳои XI, ки дар ин озмун сазовори ҷойҳои 1-3 мешуданд, мувофиқи низом бо имтиёз донишҷӯйи мактаби олӣ мегардиданд. Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДБ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Маҳмудҷон Қосимов низ ба узвияти ҳайати доварони озмун интихоб шуда буд. Дар озмуни ҷумҳуриявии забон ва адабиёти тоҷик ғолибон – соҳибони ҷойҳои якум ва дуюми даҳ вилоят иштирок карданд. Рӯзи дигар ғолибони озмун муайян гардиданд. Ҳамин тариқ, ҷойи якум ба намояндаи вилояти Бухоро Баҳора Авезова, ҷойи дуюм ба вакили вилояти Самарқанд Меҳрангез Саъдиева ва ҷойи сеюм ба намояндаи вилояти Тошканд Р. Абдуллоева насиб кард. Ҳарчанд толибаи бухороӣ ба натиҷаи баландтарин соҳиб гашт, кайфияти Қосимов чандон хуб набуд, вай пай дар пай сигор мекашид. Вақти бозгашт сабаби инро пурсидам. Аён гардид, ки ҳангоми ҷамъбасти озмун бобати муайян намудани ҷойҳо байни доварон нохолисӣ рӯй дода, устод бо рад намудани таклифи ноқонунӣ нагузоштааст, ки нисбати хонандаи илмнок ба меъёрҳои адолат хиёнат сар занад.

Боре суҳбати мо аз хусуси эҷодиёти даҳонии мардуми Бухорои Шариф рафту устод замонасозии гузаро ва аз ҳад зиёди баъзе ҳамкасбони худро бо алам нақл карда, дарун-дарун месӯхт: «Оё бовар мекунед, байни мо «олимон»-е ҳастанд, ки чизи ғайри воқеиятро «ҳаст» карда, соҳиби рутбаи илмӣ шудаанд... Ҳатто олимони намоён ин нуктаро дар тақризи худ ошкоро гуфтаанд...» (Нигаред ба тақризи Баҳром Шермуҳаммадов).

Қосимов ҳеҷ касро рӯйи хотир намекард. Онҳоеро, ки дониши казоӣ надоранду орзуи мактаби олӣ мекарданд, ҷонибдорӣ намекард, худро аз ин тоифа канор мегирифт.

Солҳои аввали созмонёбии гурӯҳи забон ва адабиёти тоҷик дар ДДБ вай аз шиносу наздикон хоҳиш мекард, ки барои ҳарчи бештар ҷалб кардани хатмкардагон ва хатмкунандагони мактабҳои тоҷикӣ ба ин гурӯҳ кӯмак расонанд. Бо роҳи тарғибот дар ҳақиқат шумораи ҳуҷҷатсупоридагон афзуд. Байни онҳо додари хурдии мо низ буд. Онҳое, ки аз алоқаи наздики мо бо устод хабар доштанд, гумон мекарданд, ки вай дар қатори аввалинҳо донишҷӯйи мактаби олӣ мегардад. Банда беасосии ин гуфтаҳоро медонистам, «фақат дониш туро ба мақсад мерасонад, дигар ҳеҷ чиз», – гуён ӯро ба тайёрии пухта водор месохтам ва ҳатто ба устод дар бораи байни довталабон будани додарам чизе нагуфтам.

Хуллас, имтиҳонҳои қабул оғоз ёфт ва додарам аз имтиҳони аввал нагузашт. Вақте ки бо устод рӯ ба рӯ омадам, вай норозиёна гуфт: «Ҳангоме ки додаратон маънои луғавии «абёт»-ро намедонад, пас чӣ лозим буд, ки ба ин даргоҳ ҳуҷҷат супорад?!»

***

Маҳмудҷон Қосимов 25 июли соли 1938 дар маҳаллаи Зирободи шаҳри Когон ба дунё омада, мактаби миёнаи №2 ба номи Айнии ҳамон вақт тоҷикии деҳаро соли 1958 бо медали нуқра хатм кардааст. Сипас худи ҳамон сол ба факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд ҳуҷҷат супорида, онро соли 1963 ба поён расонидааст. Фаъолияти эҷодиро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» 4 сентябри соли 1963 ҳамчун ходими адабӣ оғоз намуд. Ӯ аз 1 апрели соли 1965 то 31 августи соли 1989 хабарнигори рӯзнома дар вилояти Бухоро буд. Азбаски меҳри устод ба илмомӯзӣ баланд буд, вай тайи солҳо мавзӯи «Публитсистикаи адабиёти тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ»-ро чун кори илмӣ мустақилона таҳқиқ намуда, соҳиби рутбаи илмии номзади илмҳои филологӣ гардид.

Ӯ аз 1 сентябри соли 1989 ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Бухоро ба кор гузашт ва ҳамчун муаллими калон, дотсент ва мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик то охири умраш – 12 июли соли 2001 самаранок кор кард, бобати барои мактабҳои тоҷикии вилоят ва ҷумҳурӣ тарбия намудани омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик саҳми арзанда гузошт.




Солҳои бозсозӣ, вақте ки дар рӯзномаи вилоятии «Бухоро ҳақиқати» ва 5-6 рӯзномаи ноҳияҳои вилоят (Бухоро, Ҷондор, Рометан, Пешку, Шофиркон...) саҳифаҳои тоҷикӣ таъсис ёфтанд, Маҳмудҷонака ҳамчун масъули саҳифаи тоҷикии рӯзномаи вилоятӣ содиқона хидмат кард, бинобар бо эҷодкорони тоҷик шинос намудани мардуми вилоят, дилкашу пурмазмун баромадани саҳифа заҳмат кашид.

***

Маҳмудҷон вақте ки дусола буд аз падар ятим монд ва бо тарбия ва ғамхориҳои модари мушфиқаш Фотимабибии маърифатпарвар ба воя расид. Вай аллакай солҳои наврасӣ ба моҳияти некию бадӣ, ҳалолу ҳаром, савобу гуноҳ сарфаҳм мерафт, ба фазилатҳои неки инсонӣ пайравӣ менамуд. 14 августи соли 1963 маросими ақди никоҳи ӯ бо ҳамдеҳааш Шоҳида ба вуқӯъ омад. Онҳо чор писар: Муродалӣ, Анвар, Олим, Малик ва ду духтар Мавҷудаю Гулшанро табъи дил ба воя расонда, соҳиби хонаю дар карданд.

Мо ба қарибӣ ба Зиробод ба аёдати онҳо рафтем. 23 сол боз устод дар байни мо нест. Бо ҳамроҳии ҳамсари вафодори устод Шоҳидаянгаи 82 сола барои зиёрат ба қабристон рафтем. Мадфани фарзанди нахустини эшон Муродалиро низ зиёрат кардем. Чӣ чора, ҳаёт бо маҷрои худ идома меёбад. Имрӯз фарзандон, наберагону аберагони Маҳмудҷон Қосимов ва Шоҳида Қосимова анъанаҳои неки хонадонро идома медиҳанд. Аз ҷумла, набераи онҳо Шоҳиҷаҳон Қудратов омӯзгори Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд, доктори фалсафа оид ба улуми техникӣ мебошад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ДАСТАИ «ПАЙРАВОНИ БЕҲБУДӢ» ҒОЛИБ ШУД

***Бо мақсади тарғиб намудани мероси адибон ва мутафаккирони маъруфамон дар байни донишҷӯён, боз ҳам баланд бардоштани таваҷҷуҳи онҳо ба адабиёт ва фароҳам овардани имконият барои намоиш додани истеъдод ва ҳавасмандгардонии онҳо озмунҳои мухталиф гузаронида мешавад.***

Чанд рӯз пеш марҳилаи 3-юми минтақавии озмуни ҷумҳуриявии «Майдони маърифат» байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шаҳри Тошканд гузаронида шуд. Ҷамоаи донишҷӯёни факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов бо номи «Пайравони Беҳбудӣ» низ дар ин озмун иштирок карда, сазовори ҷойи аввал шуданд. Дастаи онҳо аз 12 нафар иборат буд.

– Мо аз рӯйи се шарт қувваозмоӣ кардем, шарти аввал «Зиндагиномаи нависанда» ном дошт, – гуфт донишҷӯйи курси сеюм Машҳура Камолова. – Муҷассамаҳои шоирону нависандагони маъруф, ки дар Хиёбони адибон гузошта шудаанд, ҷомеаи мо яке аз ин адибон Эркин Воҳидовро интихоб намуд ва барои амиқ омӯхтани рӯзгору осори ӯ дар шакли тақдимот нишон додем.

Дар шарти дувум бошад, ҳайати ҳакамон ба дастаҳо 10 саволро аз рӯзгор ва осори шоирону нависандагони маъруф пешниҳод намуданд. Шарти сеюм «Композитсияи театрӣ аз ҳаёт ва эҷодиёти нависандагон» ном дошта, мо дар ин шарт Ойбекро интихоб кардем.

Дастаи «Пайравони Беҳбудӣ» 3 сол боз дар мусобиқаи ҷумҳуриявии «Майдони маърифат» ширкат мекунад. Дар ин муддат ду маротиба дар ҷумҳурӣ сазовори ҷои 2-юм гардидем. Дар мавсими имсолаи озмун, дастаи мо анъанаро идома дода, соҳиби роҳхат ба марҳилаи ниҳоӣ гардид. Ба ҳар як аъзои даста планшет ва ташаккурнома дода шуд. Мо аз ин муваффақиятҳоямон шод ҳастем, – мегуяд Машҳура.

**Асалмоҳ САРХАТЗОДА.**



*Дар вилояти Фарғона, ки марвориди водӣ маҳсуб меёбад, соҳаи асалпарварӣ босуръат пеш меравад. Ҳоли ҳозир дар ҳудуд беш аз 2 ҳазор нафар бо занбӯриасалпарварӣ машғуланд. Сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Сойёни ноҳияи Ёзёвон Акбаралӣ Каримов аз ҷумлаи онҳост.*

*– Падарам солҳои зиёд баробари омӯзгорӣ бо занбӯриасалпарварӣ машғул шуда, даромади иловагӣ мегирифт, – мегӯяд ӯ. – Мо кори падарро идома дода, кам нашудем. Алҳол 200 оилаи занбури асалро парвариш мекунем. Соли равон ба харидорон 200 оилаи занбӯрро ба маблағи 53 миллион сӯм фурӯхтем. Ин харҷи солонаи моро сарпӯш карда, боз 20 миллион сӯм фоидаи соф овард.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ЗАНГИ НОТАКРОР

***Дар тамоми гӯшаю канори кишварамон, дар мактабҳои миёна занги охирин садо дод. Ҳар як инсон дар ҳаёташ ин занги нотакрорро як бор мешунавад.***

Дар ноҳияи Чуст 78-то мактаби миёна фаъолият дорад. Хусусан, мактаби рақами 58 дар мобайни ин мактабҳо пешқадамтарин ҳисобида мешавад. Соли ҷорӣ низ ба муаллимону хонандагон муваффақиятнок анҷом ёфт. Дар олимпиадаи фанҳои вилоятию ҷумҳурӣ ба ҷойҳои баланд сазовор шуданд. Соли гузашта 76 фоизи хатмкунандагон ба мактабҳои олӣ, ҳатто ба мактабҳои олии давлатҳои хориҷӣ дохил шуданд.

– Дар мактабамон ҳамагӣ 760 нафар хонандагон бо ду забон сабақ мегиранд, – мегӯяд директори муассиса Дилфуза Юсуфова. – Ба саъю ҳаракати муаллимон хонандагон ба бисёр муваффақиятҳо ноил гардиданд. Имсол синфи 9-умро 72 ва 11-ро 75 нафар хатмкунандагон ба охир расонданд. Комёбиҳои имсола низ бисёранд. Дар озмунҳои маънавию маърифатӣ, дар олимпиадаҳои фаннӣ хонандагонамон ҷойҳои баландро ишғол карданд. Азиза Деҳқонова, Мухлиса Маҳмудхонова, Розия Саъдиллохонова аз фанни забони модарӣ ва адабиёт ва аз фанни забони ӯзбекӣ дар олимпиадаи республикавӣ муваффақиятнок иштирок доштанд.

Дар «Занги охирин» муаллимҳои фахрии собиқ ва фаъолони маҳалла иштирок карда, дар бораи шароит ва имкониятҳои фароҳамовардашуда гуфта гузаштанд ва ҷавонро аз ин имкониятҳо бо самаранок истифода бурдан даъват карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**



*Тадбири «Занги охир», ки дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 60-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё баргузор шуд, ба хатмкунандагон таассуроти хуб бахшид.*

*Ин мактаб аз маркази ноҳия 75 километр – дар деҳаи Деҳнави Болои аз сатҳи баҳр 2500 метр баланд қарор дорад. Дар маърифатгоҳ 228 нафар донишомӯз сабақ мегиранд, 22 нафари онҳо хатмкунанда мебошанд.*

*Дар чорабинӣ номаи табрикии Президент барои хатмкунандагон қироат карда шуд. Устодон ва падару модарон ба тамомкунандагони мактаб орзуҳои нек хостанд.*

*Ҳамаи хатмкунандагон ният доранд, ки хонишро дар мактабҳои олӣ идома диҳанд.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

# ДӮСТӢ ПОЯНДА БОД!

***Бо ташаббуси Бунёди ҷамоатии «Ватандошлар» ва ҳамкории сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Тоҷикистон бо иштироки аҳли адабу ҳофизони номӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва ноҳияи Спитамен барномаи адабию фарҳангӣ баргузор гардид.***

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ӯзбекистон дар Тоҷикистон Эргаш Шоисматов дар бинои боҳашами сафоратхона, ки чанде пеш бо иштироки сарварони давлатҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ботантана кушода буданд, моро пазироӣ кард. Дар ин бинои замонавие, ки хеле хуб ҷиҳозонида шудааст, байни ҷавонон бозии интеллектуалии «Заковат» баргузор шуд. Инчунин, дар барномаи шоми дӯстӣ, ки сари як пиёла чой бо иштироки зиёиёни ӯзбеки тоҷикистонӣ ва намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ гузашт, ҳунармандони номии ҳар ду мамлакат ҳунари худро намоиш доданд.

Ба ғолибони «Заковат» компютерҳои замонавӣ ва ба мактабҳои таҳсилоташон ба забони ӯзбекии шаҳри Душанбе китобҳои бадеӣ супорида шуд.

Рӯзи дигар гурӯҳи санъаткорону эҷодкорон роҳи шаҳри Бохтари вилояти Хатлонро пеш гирифтанд.

Дар театри ба номи Ато Муҳаммадҷони шаҳри Бохтар ба муносибати 90-солагии Ӯлмас Ҷамол ҷашни ботантанае баргузор шуд. Раиси Бунёди ҷамоатии «Ватандошлар» Одилҷон Сатторов дар бораи дӯстии азалии мардуми тоҷику ӯзбек ва саҳми Ӯлмас Ҷамол дар мустаҳкамнамоии дӯстию рафоқати ин ду халқ ҳарф зад. Бо маблағҳои ин бунёд китоби ашъори мунтахаби шоир бо номи «Ӯзим дунё аро дунё» («Манам дунё дар ин дунё», Тошканд, 2024) бо теъдоди зиёд чоп шуда, ба дасти мухлисон расидааст. Узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Ш. Бӯтаев, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон А. Исмоилзода ва шоири ҷавону умедбахш М. Ҷумъаев дар васфи дӯстӣ шеърҳо қироат намуданд.



Намояндагии мо дар театри ӯзбекии ба номи Шукур Бурҳонови ноҳияи Спитамени вилояти Суғд тадбирҳои идонаро идома доданд. О. Сатторов ба ҷамоаи театри ӯзбекии ба номи Шукур Бурҳонов баландгӯякҳои замонавӣ ва ба 20 муассисаи таълимаш бо забони ӯзбекӣ теъдоди зиёди китобҳои бадеиро супорид.

Базми дӯстӣ бо иштироки устодони санъати ду ҷумҳурӣ ба иштирокдорони анҷуман кайфияти идона бахшид.

**Асадуллоҳ ИСМОИЛЗОДА,**
**узви иттиҳодияҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

# АКСИ САДОИ ЗАНГӮЛА ДАР КӮҲСОР

**(Репортаж)**

Деҳаи хушҳавои Оҳалик, ки дар доманакӯҳҳои Зарафшон чун қолини пурнақшу нигорест, аз тамоми файзу саховат ва лутфу назокати табиат бархурдор буд.

Аҳли деҳа бо либосҳои идона ва чеҳраҳои пурханда, толибилмон бо гулдастаҳои тару тоза дар ҳавлии мактаби миёнаи рақами 18 ҷамъ омаданд. Сарвари таълимгоҳ Ашӯрбой Шоҳмақсудов ҳозиронро ба чорабинии «Занги охирин» хайра мақдам гуфта, навбатро ба хатмкунандагон Паризода Усмонова ва Дилшод Очилов дод. Онҳо зери кафкӯбии иштирокчиёни анҷумани фарҳангӣ занги охирин заданд, ки ҳатто дар кӯҳсор акси садо дод.

Албатта, дар чунин лаҳзаҳои фараҳбахш ҳиссиёти хатмкунандагони саодатманд ва муаллимони эшонро ба тасвир кардан қалам оҷиз аст.

– Тавассути оинаи нилгун табрикоти самимона ва гуворои сарвари давлатамон ба хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ҷумҳуриро шунидем,– иброз дошт А. Шоҳмақсудов, – чуноне ки Президенти муҳтарам таъкид намуданд, шумо, хатмкунандагон, бунёдгузорони умедбахши ояндаи Ӯзбекистони Нав ҳастед. Боиси хушнудист, ки дар мамлакати мо барои ҷомаи амал пӯшидани орзуҳои шумо тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Гарчанде мактаби мо соф тоҷикист, аз 33 нафар хатмкунандагон қариб 70 фоиз ба мактабҳои олӣ дохил шудаанд, ки нишондоди баланд на танҳо дар ноҳияи Самарқанд, инчунин вилояту ҷумҳурӣ аст. Албатта, дар ин комёбӣ хизмати беминнат ва шоистаи омӯзгорон – Шавкат Соҳибов, Зайнура Соҳибова, Хурсандой Бозорова, Гулрух Икромова, Манижабону Шоҳмақсудова, Фарсимоҳ Раҳмонқулова, Гулшаной Иброҳимова, Дилором Эшонқулова ва дигарон хеле калон аст. Имсол 22 нафар номаи камол мегиранд, ки аз онҳо 4 нафар соҳиби медали тилло ҳастанд. Ман аз фурсат истифода бурда, ба парастуҳои мактаб комёбӣ таманно дорам.

Бояд таъкид намуд, ки имсол дар вилояти Самарқанд синфи 11-умро 48 ҳазору 779 нафар, синфи 9-умро беш аз 71 ҳазор нафар хатм хоҳанд кард.

Аз онҳо беш аз 2 ҳазор нафар медали тилло ва 300 нафар нуқра мегиранд, ки барои ба мактабҳои олӣ дохил шудан имтиёзҳо хоҳад дод.

Чуноне ки дар Садорати таълими халқи вилоят иттилоъ доданд, дар рӯйхати пешқадамон ба ҷойи аввал шаҳри Самарқанд (398), дар ҷойи дувум ноҳияи Иштихон (185) ва савум Пастарғам (153 медал) мебошанд.

Дар соли равон 1 ҳазору 512 нафар сертификат гирифтаанд, ки онҳо бидуни супурдани имтиҳон ба мактабҳои олии Ӯзбекистон дохил мешаванд.

Боз як навид он аст, ки аллакай 2 ҳазору 300 нафар хатмкунандагон ба мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ дохил шудаанд.

Мо аз фурсат истифода бурда, тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» ба хатмкунандагон комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Нишасти матбуотӣ*

# ЭЪТИБОР БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ

***Дар мамлакати соҳибистиқлоламон дар қатори дигар соҳаҳо ба самти таълими томактабӣ беш аз пеш эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ин аст, ки муносибати волидон ба ин муассисаҳо хайрхоҳона буда, аз ҷараёни таълиму тарбияи боғчаҳо изҳори ризоият менамоянд. Мувофиқи эҳтиёҷ ва талаботи аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар биноҳои хушсохти замонавӣ марбут ба муассисаҳои таълими томактабӣ сол аз сол зиёд мегарданд.***

Бо ташаббуси Агентии таълими томактабӣ дар Маркази матбуоти миллии пойтахт бахшида ба ислоҳотҳои соҳа ва нақшаҳои ояндаи он анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.

Ҷамъомадагон бо нақшаи чорабиниҳои муассисаи таълими томактабӣ вобаста ба вазифаҳои Вазорати таълими томактабӣ дар Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи Ӯзбекистон – 2030 дар Соли дастгирии соҳибкорӣ ва ҷавонон ошно гардиданд.

– Дараҷаи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ ба 76 фоиз, дар чаҳорчӯби барномаи инвеститсия сохтани 43-то ва таҷдиди 133 ташкилоти таълими томактабӣ, ба 96 фоиз расондани фарогири кӯдакони шашсола пешбинӣ шудааст, – иброз намуд сардори Раёсати рушди таълими томактабии Агентии таълими томактабии назди Вазорати таълими халқи томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ Зафар Ҳусанов.

Боз қайд гардид, ки бо мақсади рушди дараҷаи фарогирии кӯдакони шашсола ба муассисаҳои томактабӣ дар чоряки дуюми соли ҷорӣ барои 1 140 нафар кӯдакон ҷойҳои нав офарида шуданд. Аз ҷумла, ба 26 гурӯҳи кутоҳмуддат 780 нафар, ба 12 гурӯҳи бардавом 360 нафар кӯдакон ҷалб карда шуданд.

Инчунин, бо планшет, доскаҳои сенсорӣ ва дигар техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз намудани гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб дар назар аст.

Дар чорабинӣ доир ба боғчаҳои хусусӣ, бехатарӣ ва ҳолати санитарӣ-гигиении онҳо низ сухан рафт. Таъкид гардид, ки вақтҳои охир дар боғчаҳо, хоҳ давлатӣ бошаду хоҳ хусусӣ, ҳолатҳои нохуш зуд-зуд рӯй медиҳанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки тарбиячиён ба кор бемасъулиятона рафтор мекунанд. Аз ин боис, тарбиячӣ-педагогҳо бояд маълумоти олӣ дошта бошанд, онҳоро дар асоси тест ва санҷишҳои педагогию психологӣ ба кор гирифт.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ХОТИРАҲОИ ШИРИНИ МАКТАБӢ

Ба мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ рафтам. Ҳавлии мактаб тозаву озода. Дарахтони себу зардолу, биҳӣ фаровон бор овардаанд. Дар самти рости даромадгоҳ қад-қади девори ҳавлии мактаб гулҳои гуногунранг ва гулбуттаҳои ороишӣ қад афрохтаанд.

Ворид ба хонаи муаллимон шудам ва бо ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ ва маърифатӣ Дилмурод Қӯзиев суҳбат кардам.

– Сенарияи тадбири «Занги охир» мувофиқи тавсияҳои Вазорати таълими томактабӣ ва мактабҳои таълими ҳамагонӣ омода карда шудааст. Ин чорабинӣ 25 май дар тамоми мактабҳои таълими умумии кишвар гузаронида шуд. Дар чорабинӣ танҳо хонандагони синфи якум, чорум, нуҳум ва ёздаҳум, ҳамчунин падару модарони ҳамин хонандагон иштирок бояд кунанд. Чун дар мактаби мо миқдори хонандагон кам аст (наздики сад нафар) тасмим гирифтем, то ҳамаи хонандагон иштирок намуданд, – гуфт Д. Қӯзиев.

Байтҳои Лоиқ ёдам расид:

*Занги охир бурд моро ҳар куҷо аз ҳам ҷудо,*
*То ҳанӯзам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.*
*Баъд аз ин бо даъвати зангӯла ҳатто лаҳзае,*
*Назди мактабхона моро ҷамъ кардан мушкил аст.*

Бо чанде аз омӯзгорон, хатмкунандагон, падару модар ҳамсуҳбат шуда, таассуроташонро доири моҳияти «Занги охир» рӯйи коғаз овардем.

Абдураҳмон Раҳимов, ҷонишини директор оид ба корҳои таълим:

– Ин рӯз аз дигар рӯзҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Зеро мо ин рӯз барои видоъ ба мактаб омада будем. Пушти ҳам саф оростем. Дар саҳни мактаб ба ҷойи ханда садои гиряву хайрбод ҳукмфармо буд. Мо дар ин даргоҳ таълим гирифтем, одоб омӯхтем, хандидем, бозӣ кардем ... ва ба зиндагии мустақил омода шудем.

Шукрона Суярқулова, хатмкунандаи синфи ёздаҳум миннатдории самимии худро ба омӯзгорон иброз намуд.

Орзугул Ҳайдарова, модари яке аз хатмкунандаи синфи ёздаҳум:

– «Занги охир» моро мисли донаҳо парокaнда карда буд. Минбаъд бо ягон ҳамсинф рӯ ба рӯ шавам, чун бародарон хотираҳои ширини мактабхониро варақгардон мекунем. Мо низ ба фаъолияти хатмкунандагони кулли кишвар комёбиҳо орзумандем. Боварӣ дорем, ки онҳо дар амалисозии Эҳёи сеюм ва бунёди Ӯзбекистони Нав саҳм мегузоранд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



# МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШИИ ХОДИМОНИ ТИББӢ

*Дар бахши фарғонагии Маркази ёрии таъҷилии тиббии ҷумҳурӣ барои дар байни аҳолӣ тарзи солими ҳаётро ҷорӣ кардан ва ба мақсади оммавӣ намудани варзиш мусобиқаҳои минӣ-футбол, волейбол, шоҳмоту шашка ва ғайра баргузор шуданд.*

*Дар мусобиқаҳое, ки байни ҷамоаҳои муассисаҳои тиббии вилоят ба вуқӯъ пайваст, баъди талошҳои ҷиддиву завқовар ҷамоаи мизбон сазовори ҷойи 1-ум гардид. Дар сабқат оид ба волейбол кормандони тиббии ноҳияи Олтиариқ, дар баҳсҳои байни мардон бинобар шоҳмот корманди истгоҳи ёрии таъҷилии тиббии ноҳияи Қува Машрабҷон Бойназаров, дар байни занон низ Муаттар Мадалиеваи қуввагӣ ғолиб омаданд. Дар мусобиқаи оид ба шашкаи байни мардон пирӯзӣ ба корманди истгоҳи ёрии таъҷилии тиббии ноҳияи Қува Давлатбек Сатторов, миёни бонувон бошад, ба ходими истгоҳи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Фарғона Нилуфар Ҷамолиддинова насиб гардид.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# МАКТАБИ ТОҶИКӢ ҒОЛИБИ ЛОИҲА ГАРДИД

Мактаби таҳсилоти умумии 17-уми шаҳри Ангрен барои дастгирии фаъолона дар лоиҳаи «Мактаби бе телефон» соҳиби 300 миллион сӯм гардид. Барои супурдани он ҳокими вилояти Тошканд Зойир Мирзоев ба мактаб омада, маъмурият, ҷамоаи омӯзгорон ва донишомӯзони онро бо чунин дастовард табрик гуфт.

Мактаб дар давоми 50 рӯз лоиҳаи «Мактаби бе телефон»-ро фаъолона дастгирӣ карда, ғолиби он дониста шуд. Маъмурияти мактаб минбаъд низ барои бе телефон ҳозир шудани омӯзгорону донишомӯзон талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад.

– Мо ба ҷамоаи мактаб 300 миллион сӯм мукофоти пулӣ супурдем ва онҳо собит намуданд, ки ба чунин мукофот муносиб ҳастанд. Ба туфайли хидматҳои шоёни омӯзгорон – Рухшона Абдуқодирова, Фирӯза Марипова, Абдусалом Худойбердиев, Ҳусниддин Ҳасанов, Доно Шамсиддинова шогирдони мактаб дар озмунҳои фаннӣ ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд. Минбаъд низ чунин корҳои ҳавасмандкуниро дар байни муассисаҳои таълими умумии вилоятамон тавсеа хоҳем бахшид, – гуфт Зойир Мирзоев.

Вай афзуд, ки дар муассисаи таълими умумии рақами 17 «Воҳӯрии ҳокими вилоят бо волидон» низ баргузор гардид. Вай дар ширкати як гурӯҳ волидон оид ба масъалаҳои муҳиме машварат кард, ки сарвари давлат дар назди аҳли ҷомеаи кишвар гузоштааст.

Қобили эътироф аст, ки ин мактаб дар байни муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр аз ҳар ҷиҳат муассисаи намунавӣ ба ҳисоб меравад.

– Ин дастоварди бузург боиси ифтихори ҷамоаи мактаб ва мардуми маҳаллаи мо мебошад. Чунин қадршиносӣ аз тарафи ҳокимияти вилоят, пеш аз ҳама, масъулияти моро ба чанд карат афзуд, – мегӯяд директори мактаб Зебунисо Маҳкамова.

– Чор нафар шогирдони мо дар озмуни «Конститутсия – гарави озодии мо» ҷои якумро ба даст оварданд. Дар соли таҳсили 2023-2024 мо соҳиби шаҳодатномаи дараҷаи дуюми «Мактаби замонавӣ» гардидем. Дар озмуни «Мактаби беҳтарини таълими забонҳои хориҷӣ» иштирок кардем ва дар марҳилаи шаҳрӣ ҷои дуюмро ишғол намуда, ба мукофоти 75 миллион сӯмина соҳиб шудем. Дар ҷамоаи мактаб се нафар «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ва як нафар соҳиби нишони «Фидоии таълим» кор мекунанд.

Дар айни ҳол 83 нафар омӯзгорони тоифаи олӣ, якум ва дуюм ба 1 ҳазору 419 нафар фарзандони мардуми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Наврӯз-1», «Намуна», «Боғи сурх», «Майдон» ва «Чотқол» сабақ медиҳанд. Аз шумори онҳо таҷрибаи 23 нафар омӯзгорони мактаб дар миқёси ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳр қобили тарғиб қарор гирифтааст.

Ногуфта намонад, ки дар даромадгоҳи мактаб бо ибтикори ҳокимияти шаҳр дастгоҳҳои электронӣ насб гардидаанд, ки ба бино ворид ва хориҷ шудани ҳар як хонандаро қайд мекунад ва ҳамон замон ба падару модарон ба мактаб омадан ва ё аз мактаб баромадани фарзандашон хабар меравад. Ин ба волидон имкон медиҳад огоҳ бошанд, ки фарзандашон дар куҷо ва машғули чист.

**Зайниддин ИБРОҲИМОВ,**
*шаҳри Ангрен.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 4232. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.